ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991 - 2021)» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад таълиф гардида, ба принсипҳои таҳқиқи илмии таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Аввалан, раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар давраи нисбатан дарози таърихӣ – солҳои 1991 - 2021 дар шакли маҷмуӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дуюм, дар диссертатсия нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар омода намудани кадрҳои педагогӣ таҳлил шудааст. Муаллиф дар ин самт фаъолияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Данғара-ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Сеюм, нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ таҳлил гардида, масъалаи бозомӯзии касбии кадрҳои педагогӣ ҳамчун яке аз воситаҳои рушди соҳаи маориф баррасӣ шудааст. Чорум, муаллиф кӯшиш намудааст, ки тағйироти миқдорӣ ва сифатии низоми тайёр намудани омӯзгоронро дар давраи соҳибистиқлолӣ нишон диҳад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми таърихшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар диссертатсия муаллиф вазъи тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро дар солҳои 1991 - 2021 дар асоси адабиёти илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, перомуни масоили мазкур хулосаи мушаххас пешниҳод намудааст.

Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи маорифи кишвар зарари ҷиддӣ дида, шароити моддӣ - техникии муассисаҳои таълимӣ хеле хароб гардид. Ҳамзамон, чунин вазъият боиси тарки касби худ намудани қисме аз омӯзгорони ботаҷрибаи вилоят гардид. Аз ин лиҳоз, ошкор гардидааст, ки яке аз мушкилоти асосии маорифи вилоят нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ба шумор мерафт.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ новобаста аз вазъияти мураккаби баамаломада, ҳукумати мамлакат, пеш аз ҳама Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ба инобат гирифтани аҳаммияти матлаби болозикр ба соҳаи маориф, хусусан вилояти мазкур рӯй оварда, бо мақсади баровардани соҳа аз вазъияти душвор тамоми имкониятҳо ва воситаҳои дохилию хориҷиро истифода намуданд. Ба авзои нобасомони солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, асоснок карда шудааст, ки дар мамлакат қабули як зумра қарору қонунҳо, барнома ва стратегияҳои давлатӣ вобаста ба рушди соҳаи маориф ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта амалӣ карда шуданд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида бо асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ менамоянд. Ин эътимоднокӣ дар навбати аввал ба таҳлили амиқ ва мантиқии сарчашмаҳои муътамад, ки асоси таҳқиқотро ташкил медиҳанд, такя мекунад. Таҳлилҳои

муқоисавӣ ва илмии дар рисола пешниҳодшуда, натиҷаи коркарди манбаъҳои аслӣ мебошанд, ки дар асоси принсипҳои илмии таърихнигорӣ амалӣ гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз методологияи таърихнигории муосир (таърихият, таносуби воқеият ва конунгузорӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ) тавонистааст хулосаҳои хешро аз рӯйи мантиқ ва далелҳои қавӣ асоснок созад. Тавсияҳои дар охири рисола ифодаёфта, хусусан дар бахши «Татбиқи амалии натиҷаҳо», ҷанбаҳои воқеӣ ва муосири масъалаи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва амалияи муассисаҳои олии таълимӣ метавон истифода намуд. Ҳамаи хулосаҳо бо матни асосӣ ва маводди бойгонии истифодагардида робитаи мустақим доранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба таври амиқ ва масъулона бо маводди таҳқиқотии худ кор бурдааст. Бо назардошти навиштаҳои боло, метавон гуфт, ки хулосаю тавсияҳои дар рисола ифодаёфта асоснок, муътамад ва дар амалияву таҳқиқоти илмии минбаъда қобили истифода мебошанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Рисола аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 196 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, рӯйхати адабиёт 185 номгӯйро дар бар мегирад.

Муқаддимаи диссертатсия яке аз бахшҳои асосии рисола ба шумор рафта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мантиқи интихоб ва аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии мавзуъ мукаммал ифода ёфтааст. Он бо мантиқи равшан, асоснокии назариявӣ ва равиши методологӣ таҳия шуда, ба таври комил муҳити илмии мавзуъро ифода мекунад. Муқаддима на танҳо зарурати интихоб ва асоси илмии мавзуъро нишон медиҳад, балки таҳқиқотро дар як заминаи муътамад ва мушаххаси таърихӣ ҷой медиҳад.

Боби якуми диссертатсия - **«Амалисозии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал - **«Амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон»** мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, барои дарки заминаҳои таърихии ташаккули низоми тайёр намудани кадрҳои педагогӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Муаллиф дар ин боб масъалаи татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлил намуда, ба вазъи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дар вилояти Хатлон дар солҳои 1991 - 2021 омили асосии барқарорсозӣ ва рушди низоми тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ гардид. Дар давраи баъди ҷанг бо дастгирии мустақими муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донишгоҳҳои давлатии Бохтар, Кӯлоб ва Данғара бунёд, таъмиру тармим ва муҷаҳҳаз гардида, коллеҷҳои нави омӯзгорӣ таъсис дода шуданд ва механизмҳои нави таъмини кадрҳо, ба мисли квотаи президентӣ, ҷорӣ карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки бе таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ омӯзиши раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ пурра буда наметавонад. Аз ин рӯ, масъалаҳои дар боби якум, зербоби якум баррасишуда заминаи заруриро барои таҳлили бобҳои минбаъда фароҳам меоранд.

Дар зербоби 2-юми боби якум **«Вазъи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти оли, касбии вилоят ва мустаҳкамшавии заминаҳои самт дар солҳои соҳибистиқлолӣ»** ном дошта, дар он муҳаққиқ аз вазъи таъминоти моддӣ - техникии муассисаҳои таҳсилоти

олӣ ва касбии вилояти Хатлон дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ (1991-1997) таҳти таъсири буҳрони сиёсӣ - иҷтимоӣ ба ҳолати рукуд дучор гардид. Вайроншавии инфрасохтори таълимии донишгоҳҳои давлатии Бохтар ва Кӯлоб, аз байн рафтани пойгоҳи озмоишгоҳӣ ва китобхонавӣ боиси коҳиши иқтидори институтсионалии низоми кадртайёркунӣ гардида, тавозуни байни талабот ва пешниҳоди кадрҳои омӯзгориро дар вилоят халалдор сохт.

Эҳё ва таҳкими заминаи моддӣ - техникӣ дар солҳои 1998 - 2021 ҳамчун ҷузъи таркибии стратегияи миллии рушди маориф амалӣ гардид. Навсозии инфрасохтори таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳо бо технологияҳои инноватсионӣ ва тавсеаи фазои таълимӣ имкон дод, ки модели нави кадртайёркунӣ - аз модели буҳронӣ ба модели рушдёбанда ва рақобатпазир табдил ёбад.

Боби дуюми диссертатсия - **«Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ»**ном дорад ва аз се зербоб таркиб ёфта, қисми муҳимми диссертатсияро ташкил медиҳад.

Дар зербоби якум **«Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон»** ном гирифта, муқаққиқ қайд менамояд, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар вилоят нахустин мактаби таҳсилоти олиест, ки рушди минбаъдаи он заминаҳои бунёдии таъсисёбии дигар макотиби олиро дар вилоят фароҳам овард. Ин муассиса дар давраи бисёр ҳассосу душвори ҳаёти ҷамъиятии кишвар ба донишгоҳ табдил ёфтааст.

Дар диссертатсия гуфта мешавад, ки Донишгоҳи давлатии авлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар давраи фаъолияти худ шумораи донишҷӯёнро аз 48 нафар то 10 ҳазор нафар расондааст. Дар ибтидо шумораи муаллимон 9 нафар буда, айни ҳол 588 нафарро дар

бар мегирад. Миқдори кормандони унвондор аз 5 номзади илм ба 130 номзади илм ва профессорону докторон ба 29 нафар расидааст.

Зербоби дуюм **«Саҳми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар омода намудани кадрҳои соҳаи педагогӣ дар вилояти Хатлон» номгузорӣ шуда**, диссертант менависад, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар солҳои 1991-2021 ба сифати пойгоҳи асосии кадртайёркунии педагогӣ дар минтақаи ғарби вилояти Хатлон амал намуда, бо тавсеаи иқтидори илмӣ - таълимӣ ва татбиқи самтҳои нави ихтисосҳои педагогӣ ба раванди таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара ва ғайра бо омӯзгорони соҳаҳои забон ва адабиёти тоҷик, математика, биология ва таълими ибтидоӣ нақши ҳалкунанда бозида, дар таъмини суботи кадрӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон дар вилоят саҳми муассир гузоштааст.

Зербоби сеюми боби дуюм "**Мавқеъ ва мақоми Донишгоҳи давлатии Данғара дар масири омодасозии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон**" номгузорӣ шудааст.

Дар ин зербоб, ки Донишгоҳи давлатии Данғара ҳамчун муассисаи навтаъсиси таҳсилоти олии касбӣ (2005/2013) дар солҳои 2013-2021 тавассути татбиқи барномаҳои инноватсионии таълимӣ ва фарогирии ҷавонони деҳот ба раванди ташаккули механизми устувори худтаъминкунии минтақа бо кадрҳои омӯзгорӣ ва таҳкими ягонагии низоми таҳсилоти олии вилоят саҳми арзишманд гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар коллеҷҳо ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон»** аз ду зербоб иборат мебошад, ки ҷанбаи дигари муҳимми мавзуъро фаро мегирад. Зербоби якуми боби сеюм **«Нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ»** номгузори шудааст. Дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ коллеҷҳои дар вилояти Хатлон ҷойгирбуда

мавқеи муҳимро касб кардаанд. Коллеҷҳо дар низоми маорифи мамлакат зинаи муҳим ба шумор рафта, махсусан дар омода кардани кадрҳои соҳибкасб барои муассисаҳои таҳсилоти томактабию миёна нақши калидӣ доранд.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Бозомӯзии касбии кадрҳои педагогии вилояти Хатлон ҳамчун воситаи муҳимми рушди соҳаи маориф»** номгузорӣ шудааст.

Масъалаи бозомӯзии касбии омӯзгорон низ аз мавзуъҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад. Зеро дар шароити тағйирёбии мазмуну усулҳои таълим танҳо омода намудани мутахассис дар марҳилаи аввали фаъолияти касбӣ кофӣ набуда, такмили доимии дониш ва малакаҳои касбии омӯзгорон аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, дохил намудани масъалаи бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ба сохтори диссертатсия интихоби мантиқии муаллиф мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, аҳаммияти тайёр намудани кадрҳои педагогӣ барои рушди соҳаи маорифи вилояти Хатлон нишон дода шудааст.

Муаллиф бар асоси таҳқиқоти анҷомдода пешниҳодҳои худро оид ба такмили минбаъдаи низоми тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ баён намудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти илмӣ дар он ифода меёбад, ки он ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳимми таърихи Тоҷикистон - ташаккул ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихи маорифи Тоҷикистон, таърихи иҷтимоии давраи соҳибистиқлолӣ ва

омӯзиши сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф истифода шаванд. Маводди диссертатсия метавонад барои омода намудани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус ҳангоми омӯзиши таърихи муосири Тоҷикистон ва таърихи рушди маориф истифода гардад. Ҳамчунин, баъзе натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши таҷрибаи таърихии тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ қобили истифода мебошанд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тайёр намудани мутахассисони педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимӣ ба кадрҳои соҳибтахассус таъмин гардида, хароҷоти вобаста ба ҷалби мутахассисон аз дигар минтақаҳо коҳиш дода шавад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот метавонад барои такмили минбаъдаи сиёсати кадрӣ дар соҳаи маориф ва рушди иқтидори касбии омӯзгорон дар вилояти Хатлон аҳаммияти иҷтимоӣ дошта бошад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии рисолала дар 14 мақолаи муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризашавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводди конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамаи ин мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос мекунанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи мукарраргардида. Диссертатсия тибқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Он ба забони адабии тоҷикӣ ва оммафаҳму илмӣ навишта шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, дар диссертатсия баъзе масъалаҳое низ ҷой доранд, ки ба назари муқарриз бояд аз ҷониби муалифи рисола бознигарӣ гарданд.

1. Фаъолияти шуъбаҳои таҷрибаомӯзии донишгоҳҳо ва худи ҷараёни таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар диссертатсия инъикос наёфтааст.
2. Дар зербоби якуми боби сеюм диссертатсия, ки “Нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ” номгузорӣ шудааст, танҳо дар бораи коллеҷҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлобу Бохтар маълумот дода шудаасту халос. Аммо Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён, Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории хусусии шаҳри Бохтар, Коллеҷи омӯзгории муҳандисии ноҳияи Ҷайҳун аз мадди назари муаллиф берун мондааст.
3. Хуб мешуд ҳамаи фондҳо, папкаҳои бойгонӣ, (бойгониҳои ҷорӣ) ки дар диссертатсия мавриди истифода карор гирифтааст, саҳифаҳои истифодашуда нишон дода мешуд;
4. Агар ҷадвали хатмкунандагони донишгоҳҳои вилоят дар байни солҳои 1991- 2021 аз ҷониби диссертант тартиб дода мешуд, хело хуб мешуд.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат, руйхати адабиёт хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Эродҳои мазкур асосан хусусияти тавсиявӣ ва ҷузъӣ дошта, ба аҳаммияти умумии илмии диссертатсия таъсири ҳалкунанда намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «**Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991 - 2021)**», ҳамчун

таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқӣ баанҷомрасида буда, ба талаботи банди 95-и муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои диссертатсиони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, банди 85, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Расулиён Қаҳҳор Расул.

Имзои доктори илмҳои таърих,
профессор Расулиён.Қ.Р.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел: (+992) 2217811
«20» ноябри соли 2026.